# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология.**

Комиссия экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 аз 16.05.2026, суратмаҷлиси №1 дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

1. **Бобозода Илҳомҷон** – узви шуро, доктори илмҳои биология аз рӯи ихтисоси 5.3.9.5. Назария ва технологияи таълими биология – раиси комиссия;

2. **Расулзода Сорбон Пирмад** – узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9.5. Назария ва технологияи таълими биология – аъзои комиссия;

3. **Бобизода Ғуломқодир Мукаммал** - доктори илмҳои биологӣ ва фармакалогӣ аз рӯйи ихтисоси 03.00.04 – Кимиёи биологӣ, 14.00.25 – Фармакология (дорушиносӣ) – аъзои комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна ро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дод ва ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна ба омӯзиши масъалаи муҳимми «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» аҳаммияти илмии баланд дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими биологияи «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев», «Такмили методикаи таълими фанҳои биология ва экология» ва муқаррароти асосии «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2021, №170 «Дар бораи барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» иҷро шудааст.

**Мубрамии мавзуи рисола** бо истифодаи самараноки ТИК махсусан дар омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология аҳамияти калон дорад, зеро технологияҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки таҷрибаҳои лабораторории маҷозӣ (виртуалӣ) гузаронида шаванд, равандҳои биологӣ модел карда шаванд, манбаъҳои электронии таълимӣ таҳия гарданд ва фаъолияти маърифатии донишҷӯён фаъолтар гардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки

сиёсати давлатӣ эътироф шудааст. Дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки рушди илм, маориф ва маҳорати педагогӣ заминаи асосии пешрафти устувор ва ташаккули иқтидори зеҳнии миллат мебошад.

Таҳқиқот ба омӯзгорон, хусусан омӯзгорони фанни биология, имконият медиҳад, ки раванди таълимро такмил диҳанд ва усулҳои иноватсионии таълимро самаранок истифода кунанд. Афзалияти ин масъала дар замони муосир бо таъмини сиёсати давлатӣ, барномаву консепсияҳои миллии соҳаи маориф ва ҳадафҳои рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2020-2040 ва Барномаи давлатии 2021-2025 собит мегардад, ки ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии донишҷӯён равона шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба **шиносномаи илмии** ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), (5.3.10.5-Назария ва технологияи таълими биология) мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикиҷтон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти пешниҳодшуда дорои аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, масъалаҳои марбут ба омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Диссертант бори

аввал аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ методикаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биологияро бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таҳия ва асоснок намудааст, ки он ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, педагогӣ ва иттилоотии омӯзгорон равона гардидааст. Методикаи пешниҳодшуда ба талаботи муосири рақамикунонии низоми таҳсилот ҷавобгӯ буда, барои баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии омӯзгорони оянда мусоидат менамояд.

Ҳангоми таҳлили диссертатсияи Алиназарова М. Р. муайян карда шуд, ки масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология аз нуқтаи назари илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Дар таҳқиқот моҳият, сохтор, хусусиятҳои умумӣ ва махсус, инчунин самтҳои асосии татбиқи ТИК дар фаъолияти таълимӣ ба таври муфассал шарҳу тавсиф ёфтаанд. Диссертант тавонистааст, ки нақш ва аҳаммияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар такмили фаъолияти таълимӣ ва рушди малакаву маҳорати касбии омӯзгорон асоснок намояд. Таҳлилҳо инчунин нишон дод, ки мундариҷа ва сохтори омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар шароити рақамикунонии таҳсилот ба таври илмӣ таҳлил гардидааст. Дар натиҷаи таҳқиқот иқтидори педагогӣ ва имкониятҳои васеи истифодаи ТИК дар ташаккули омодагии касбии омӯзгорон муайян карда шуда, самаранокии истифодаи онҳо дар баланд бардоштани сифати таълим исбот шудааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳлил муайян гардид, ки самтҳои калидии татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти таълимии омӯзгори фанни биология дуруст интихоб ва илмӣ асоснок шудаанд. Аз ҷумла, истифодаи озмоишгоҳҳои рақамӣ, захираҳои мултимедиявӣ, муҳитҳои интерактивии таълимӣ ва платформаҳои электронии омӯзиш ҳамчун воситаҳои муассири баланд бардоштани самаранокии раванди

таълим арзёбӣ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявию амалӣ дошта, метавонанд дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ барои такмили омодасозии омӯзгорони ояндa мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертант мақсади таҳқиқотро аз як тараф таҳқиқи имкониятҳои назариявӣ барои ташаккул ва рушди доимии салоҳияти донишҷуён дар истифодаи ТИК ҳангоми таълими биология қарор дода, аз тарафи дигар рушди салоҳиятҳои таҳқиқотии донишҷуёнро дар муассисаҳои олии таълимӣ бо роҳи озмоиш собит намудааст.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи рисолаи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 12 **интишороти муаллиф** инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 1 адад дастури методӣ, 4 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда ва 7 мақола дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалӣ ба нашр расида мебошанд.

Микдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи унвонҷӯ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ буда, **мазмуну муҳтавои** таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди 35-и** Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Дараҷаи **эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқот тавассути методологияи муқаррароти назария, такя ба истифодаи маҷмӯи методҳои таҳқиқоти илмӣ-методӣ, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, баҳри санҷиши таҷрибавии рушди назариявӣ, такрор шудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълимӣ таъмин карда мешавад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот ба ҳадаф ва вазифаҳои дар диссертатсия ироашуда, ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат дорад.

Барои ҳимоя нуктаҳои илмие пешниҳод карда мешаванд, ки мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.. Муайян шудааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ ба баланд гардидани сатҳи дониш, малака ва рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда мусоидат менамояд. Ҳамчунин, моҳият ва сохтори омодагии омӯзгорон барои истифодаи ТИК дар фаъолияти таълимӣ муайян гардида, ба ташаккули донишҳои касбӣ, малакаҳои амалӣ ва ҳавасмандии онҳо диққати махсус дода шудааст. Дар баробари ин, нишон дода шудааст, ки ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба фанҳои таълимӣ, баланд бардоштани шавқу ҳаваси донишҷӯён ва рушди салоҳияти рақамӣ аз ҷумлаи шартҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии омодагии касбии омӯзгорони оянда ба ҳисоб мераванд.

Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият даровварда шуда, пурра риоя шудааст.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб ва шаш зербоб, хулосаҳои бобҳо, хулоса, «Тавсияҳо оид

ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот», «Рӯйхати адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаб» иборат аст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ бори нахуст буда, дар ин самт ягон таҳқиқот бурда нашудааст.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-102 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси

бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

**Қарори комиссияи экспертӣ:**

**1.** Диссертатсияи номзадии Алиназарова Муҳаббат Раҳматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология ба ҳимоя тавсия дода шавад.

**2.** Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ), 5.3.10.5. Назария ва технологияи таълими биология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамоянд:

– **Мирзораҳимзода Акобир Карим,** доктори илмҳои биология, профессор, Ноиби президент- Раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии Тоҷикистон

– **Шарипов Мирзобек Мирзоевич,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент-мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**3.** Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**5.** Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ,
дотсент **Бобозода И.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ **Расулзода С.П.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ
ва фармакалогӣ **Бобизода Ғ.М**

*Имзоҳои д.и.биологӣ., дотсент, И. Бобозода, н.и.п., С.П. Расулзода, д.и.б ва ф., Ғ.М.Бобизодаро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Исҳоқзода М.М.

«____»___________ соли 2026.